*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ТАКРИЗ**

*ба автореферати диссертатсияи Дилшод Шарифӣ дар мавзӯи **"Нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)"** барон дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз руйи ихтисоси 6D 051300 - иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.*

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароите иншо гардидааст, ки воқеан ҷаҳони муосирро равандҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақагарой куллан фаро гирифтаанд. Мавзӯи рисолаи илмии Дилшод Шарифӣ дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ ба омӯзиши масъалаҳое равона гардидааст, ки аз Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили алоқаҳои берунӣ-иктисодии мамлакат бармеоянд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Точикистон барои солҳои 2016- 2020 ҳуҷҷати мукаммали дарбаргирандаи маҷмӯи ислоҳот барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи имкониятҳои мавҷудаи мамлакат буда, самтҳои рушди минбаъдаи кишварро дар шароити таъсири бевоситаи омилҳои дохиливу берунӣ инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, бо максади боз ҳам тақвият додани ҳамкорӣ бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ва боло бурдани накши онҳо дар иктисоди миллй, тадкиқоти илмӣ муҳим мебошанд. Ҳамин аст, ки дар автореферати рисолаи илмии Шарифӣ Д. механизмҳои мавҷудаи тавсеаи хамкорихо бо ин созмонҳо баҳои ҳақиқӣ дода шуда, инчунин роҳҳо ва усулҳои мукаммалгардонии онҳо пешниход гардидаанд.

Муаллиф дар автореферат модели транзаксионӣ барои таҳлили лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ дар раванди ташаккули муносибатҳо дар доираи рушди иқтисодиёти сабз пешниҳод намудааст, ки дар асоси модели пешниҳодгардида мақсади қабули қарорҳои сармоягузориҳои фоидаовар муайян карда мешаванд.

Дар раванди тадқиқот муаллиф тавонистааст тавассути истифодаи усулҳои умумӣ ва махсус: индуксия ва дедуксия (дар тадқиқоти фаъолияти СИБ), синтез ва таҳлили муқоисавӣ (барои омӯзиши назарияҳо оид ба нақши СИБ), таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ (ҳангоми мониторинги нақши СИБ дар рушди иқтисодиёт ва барои ҳисоб кардани сатҳи натиҷаҳои ҳамкориҳои мутақобила), мантиқӣ-назариявӣ (дар сохтани схемаи сохторӣ ва мантиқӣ барои таҳқиқи проблемаи таҳлили лоиҳаҳо аз ҷониби СИБ), усулҳои оморӣ ва иқтисодӣ-математикӣ (ҳангоми баҳодиҳии таъсири СИБ ба иқтисодиёти миллӣ), ҷамъбаст ва синтез (ҳангоми муайян кардани самтҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳо) муаммои илмии хешро таҳлил ва хулосабардорӣ намояд.

Дар автореферати пешниҳодгардида бо баробари афзалиятҳои илмӣ-назариявӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд, чунончӣ:

- дар саҳифаи 12 –уми автореферат дар намуди расм “Таснифоти созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ дар самти танзими бисёрҷонибаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ” таҳия гардидааст, ки алоқаҳои сабабӣ омилии расмӣ овардашуда нишон дода нашудааст.
- мувофиқи мақсад мебуд агар муаллиф нисбат ба ташкили созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ таҳлилӣ муқоисавӣ мегузаронд.

Албатта эродҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта ба арзиши илмии тадқиқоти муаллиф ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар кори пешниҳоднамудаи Шарифӣ Д. пайдарҳамии мантиқӣ ба назар

мерасад ва мӯҳтавои рисолаи илмӣ пурра инъикоси худро ёфтааст.

Ҳамин тариқ, тибқи баррасии автореферати диссертатсияи Дилшод Шарифӣ дар мавзӯи "Накши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз руйи ихтисоси 6D 051300 - иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Унвонҷӯ Дилшод Шарифӣ - ро метавон сазовори дараҷаи илмии доктор PhD аз руйи ихтисоси 6D 051300 - иқтисодиёти ҷаҳонӣ донист.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон — Тошматова М.Д.

имзои дотсент Тошматова М.Д.-ро тасдиқ менамоям

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ — Мирпочоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, мкр.17, бинои 1.
моб: (+992) 92 -745-06-04
эл. почта: murena_8282@mail.ru